**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

.

**Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.с.2013 №31 тасдиқ карда шудааст**

# Дастурамал
# Оид ба тарзи тартиб додани ҳисоботи оморӣ аз рӯи шакли №1-канализатсия (солона)
# «Ҳисобот дар бораи кори канализатсия»
# (шабакаҳои ҷудогонаи канализатсионӣ)

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.1. Ҳисоботи оморӣ дар бораи кори канализатсия аз тарафи корхонаҳои мансуби канализатсияҳо, кубурҳои обу канализатсияҳо, ки чӣ дар тарози мустақил, чӣ дар тарози корхонаҳои ҳамаи вазорату идораҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки партофтани обҳои ифлосро аз хонаҳои истиқоматӣ, корхонаҳои коммуналию маишӣ, саноатӣ, бинокорӣ ва дигар корхонаю ташкилотҳо ба амал мебароранд, тартиб дода мешавад.

1.2. Ҳисоботи оморӣ дар бораи кори канализатсияҳо аз тарафи корхонаҳои ҳисоботдиҳанда 20 январ баъди соли ҳисобот ба мақомоти оморӣ давлати ноҳияҳои маҳалли ҷой гирифтаашон пешниҳод карда мешавад.

1.3. Агар дар маҳалли аҳолинишини ду ва ё бештар канализатсияи обпартои хоҷагӣ ё канализатсияи ҷамъияти муттаҳидшуда дар як хоҷагӣ мавҷуд бошад, дар он сурат идораи ингуна иттиҳодияҳо бояд як ҳисобот аз рӯи маҳалли аҳолинишин тартиб диҳад.

1.4. Дар ҳолате, ки агар корхонаи ҳисоботдиҳанда ба маҳалҳои аҳолинишини шаҳрӣ ва деҳот хизмат расонад, дар он сурат ду ҳисоботи ҷудогона оид ба шаҳр ва оид ба деҳот тартиб медиҳад.

1.5. Ба ҳисобот рӯйхати шаҳрҳо, шаҳракҳои навъи шаҳрӣ ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот, ки корхона хизмат мерасонад, пешниҳод карда мешавад..

1.6. Ҳисобот пешниҳод намекунад:

канализатсияҳое, ки танҳо обҳои ифлоси техникиро аз корхонаҳои саноатӣ, бинокорӣ, нақлиёт ва ғайра ташкилотҳо ба канализатсия мепартоянд;

канализатсияҳое, ки обҳои ифлосро танҳо аз ҳавои атмосфера (ба канализатсияҳои обҳои борону сел ) мепартоянд:

канализатсияҳои сохти оддии руйиҳавлигӣ, ки ба бинои соҳиби хона, ки обпартои оби ифлосро ба берун надоранд;

Иншоот барои партофтани обҳои ифлос, ки қубури хориҷкунанда надоранд (канализатсия ҳисобида намешаванд).

1.7. Агар хоҷагии канализатсия оби ифлосро аз шабакаҳои канализатсионии ҷудогонаи дигар маҳалли аҳолинишин, аз шабакае, ки дар тарози корхонаи ҳисоботдиҳанда ба ҳисоб гирифта шуда бошад, дар он сурат вай ҳисоботи алоҳидаро барои хоҷагии канализатсионӣ тартиб медиҳад, хоҷагии ҳар кадом маҳалли қарор гирифтани худ пешниҳод менамояд.

1.8. Ҳангоми супурдани канализатсия ё шабакаҳои ҷудогонаи канализатсионӣ аз дигар идора ба низоми мақомоти коммуналӣ ба дигар идора, дар он сурат ҳисобот ба таври ҷудогона барои вақти кор кардаи амалӣ дар низоми мақомоти коммуналӣ ва дар низоми мақомоти дигар идора тартиб дода мешавад. Дар навиштаҷоти тафсирӣ нисбат ба ҳисобот, аз кадом идора қабул карда шуд ё корхонаи ба ки супорид, нишон додан зарур аст.

1.9. Маълумотҳои ҳисобот дар ҳамон воҳидҳои ченак инъикос карда мешаванд, ки дар шакл нишон дода шудаанд.

1.10. Маълумотҳои сатрҳои 03-06 дар шакли 1-канализатсия бо як аломати даҳӣ, боқимондаҳо бошанд, бо шумораҳои бутун нишон дода мешаванд.

1.11. Ҳангоми пур кардани ҳамаи фаслҳои ҳисобот талаботи асосӣ инҳо мебошанд:

Эътимоднокӣ ва пуррагии маълумотҳо;

Муқоисапазирии пурраи маълумотҳои ҳисобот бо нишондиҳандаҳои накшавӣ.

1.12. Барои дуруст тартиб додани ҳисобот ва саривақт пешниҳод намудани вай роҳбари корхона, ташкилот, сармуҳосиб масъулиятро ба душ доранд.

## <u>11. Пур кардани нишондиҳандаҳои ҳисоботи омори аз рӯи шакли №1-канализатсия</u>.

2.1. Дар сатри 01 шумораи канализатсияҳо ва дар сатри 02 шумораи шабакаҳои ҷудогонаи канализатсияҳое, ки дар тарози ташкилоти ҳисоботдиҳанда қарор доранд, нишон дода мешавад.

Маҷмӯи иншоот барои партофтани обҳои ифлос аз ҳудуди маҳалли аҳолиншин ё аз як қисми вай, ки шабакаи қубури обпарто ё коллектор (каналҳо) ва хориҷкунандаи хусусӣ мавҷуд аст, канализатсия ҳисобида мешавад.

Шабакаҳо барои партофтани обҳои ифлос, ки қубури обпарто надоранд, канализатсия ҳисобида намешаванд ва дар шакли №1 канализатсия нишон дода намешавад.

Ҳамон канализатсияе, ки обпартои худро надораду обҳои ифлосро ба канализатсияи иншооти дигар корхонаҳо интиқол медиҳад, шабакаи мустақилу алоҳидаи канализатсионӣ ҳисобида мешавад.

2.2. Дар сатри 03 масофаи яккаи коллекторҳои (каналҳо) асосӣ дар охири сол нишонидода мешавад. Қубури обпарто (ё канал)-е, ки обҳои ифлосро аз ҳудуди каналдори худ ва обпартои онҳо ба иншооти софкорӣ ҳисобида ё ба обанбор мепартоянд, коллекторӣ (канали) асосӣ ҳисобида мешаванд.
Агар коллектори асосӣ аз якчанд хати қубур иборат бошад, дар он сурат маҷмӯи масофаи ҳамаи хати қубурҳо, азҷумла он қисми қубурҳо каналҳо), ки дар хориҷи ҳудуди маҳалли аҳолинишин қарор доранд, нишон дода мешавад.

2.3. Дар сатри 04 масофаи яккаи шабакаи канализатсионии кӯча, аз ҷумла коллекторҳои обҷамъкунӣ ва ноҳиявӣ (бе коллекторҳои (каналҳои) асосӣ ва пайвастачиҳо) дар охири сол нишон дода мешавад.

Қубурҳое, ки дар паҳлӯи кӯчаҳо, гузаргоҳҳо, тангкӯчаҳо, соҳилҳо ва дигар гузаргоҳҳои маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир ва хобонда шудаанд, аз ҷумла масофаи коллекторҳои маҷмӯъшуда, вале бе коллекторҳои асосӣ, шабакаи канализатсионии кӯчагӣ ҳисобида мешаванд.

Маҷмӯи коллекторҳое, ки баъд дар масофаи шабакаи кӯчагӣ инъикос карда шавад, қубури бевосита ё ба воситаи низоми қубурҳо ба коллекторҳои асосӣ ҳамроҳ кардашуда, қубури обпарто ҳисобида мешавад.

Пайваст кардан ба шабакаи кӯчагӣ барои ҳамроҳ намудан объектҳо ба канализатсияҳо (пайвастагии хонагӣ, шабакаи рӯиҳавлӣ, инчунин шабакаи дохили квартираҳо) ба масофаи умумии канализатсияи кӯчагӣ хамроҳ карда намешаванд.

2.4. Дар сатри 05 масофаи яккаи дохили маҳалла ва шабакаи дохили ҳавлӣ нишон дода мешавад. Шабакаи дохили маҳалла, давоми дарозии гузаргоҳи дохили махала ҳисобида мешавад. Ба шабакаи дохили ҳавлӣ, ки дар ҳудуди соҳиби хона хобонда шудааст, инчунин қубурҳои канализатсионӣ, ки барои пайваст кардани соҳиби хона ба шабакаи канализатсионии кӯчагӣ пешбинӣ карда шудаанд, мансубаст.

2.5. Дар сатри 06 усули хориҷкунандаи гузашташудаи иншооти софкунанда, ки миқдори обҳои ифлосро тавсиф менамояд, онҳо метавонанд дар як шабонарӯз дар ҳолати фаъолияти пурраи тамоми маҷмааи иншооти

тозакунанда ва риояи талаботи муқаррашуда нисбат ба партофтани моеъҳои ифлос (ганда) обҳои ифлосро гузаронанд, нишон дода мешавад.

Агар гурӯҳҳои ё қисмҳои ҷудогонаи иншооти тозакунанда қобилияти гузаронидани якхела надошта бошанд дар ин нишондиҳанда қобилияти гузарондагии қисми пешбари иншооти тозакунанда, ки андоза ҳади гузаронидани обҳои ифлосро муайян менамояд, инъикос кардан зарур аст.

Қисмҳои пешбари иншооти тозакунандаи каналзатсия инҳо мебошанд;

- ҳангоми тозакунии механики таҳнишинҳо, майдончаҳои лойиқадори метантенкҳо ;

- ҳангоми тозакунии сунъии биологӣ, таҳнишинҳои аввалия, филтрҳои биологӣ, аэротенкиҳо, таҳнишиниҳои дуюмин;

- ҳангоми тозакунии табии биологӣ-таҳнишинҳо, метантенкиҳо, майдончаҳои лойиқадор, хати оббарорӣ, хати филтркунонӣ.

Агар маҷмаи иншооти тозакунанда таҳнишинкунанда надошта бошаду танҳо обро бо роҳи дағалона гузаронад, яъне ба воситаи намудҳои гуногуни панҷара ё тур ва ғайраҳо, дар он сурат қобилияти гузаронидани ингуна иншооти тозакунанда дар нишондиҳандаҳои мазкур ба ҳисоб гирифта намешавад.

Агар канализатсия якчанд иншооти алоҳидаи ҷудокунандаи ҳудудӣ дошта бошад, дар он сурат дар ҳисобот оид ба корхона, умуман ҷамъи қобилияти гузаронандагии тамоми иншоотро дар охири соли ҳисобот нишон додан зарур аст.

Дар сатри 07 гузаштан ҳамаи обҳои ифлос дар як сол ба воситаи канализатсия нишон дода мешавад. Миқдори амалии обҳои ( аз ҷумла обҳои ифлоси истеҳсолию техникӣ, обҳои гандаи хоҷагӣ, инчунин обҳои каммуналию маиши корхонаҳо), ки дар як сол ба воситаи канализатсия гузаронида шудаанд, аз рӯи ҳисоби муштариёни пешниҳодшуда муайян карда мешавад.

Миқдори обҳои ифлос, ки аз муштариён гузаронида шудааст, ба миқдори баробари обҳо, ки аз қубурҳои об гирифта шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Агар муштари дигар манбаи обтаъминкунӣ дошта бошад (обгирӣ, хусусӣ, дигар қубури об ), дар он сурат миқдори обҳое, ки вай ба канализатсия мепартояд, аз рӯи маълумоти ҳисоби оби гирифтаи муштарӣ муайян карда мешавад. (тавассуту асбоби ченкунанда, насосҳои истеҳсолӣ, масрафи об барои эҳтиёҷоти техникӣ ва ғайраҳо) ё аз рӯи ченаки ҷараёни миқдори аслӣ муайян карда мешавад.

Дар ҳолате, ки агар оби нӯшокӣ нимтайёр бошаду ба таркиби маҳсулоти истеҳсолшаванда дохил шаваду ба канализатсия партофта нашавад, ҳангоми муайян намудани ҳаҷми оби ба канализатсия партофташуда, партовҳои вай ба ҳисоб гирифта намешавад.

Дар сатри 08 аз миқдори умумии обҳои ифлоси партофташуда миқдори обҳои ифлоси аз дигар канализатсия ё аз шабакаҳои алоҳидаи канализатсияҳо қабул кардашуда ҷудо карда мешавад.

2.7.Дар сатрҳои 09-11 миқдори обҳои ифлоси гузаронидашуда бо воситаи иншооти тозакунандаи канализатсия, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои асбобҳои ченкунандаи дар ин иншоот гузошташуда муайян карда мешавад ва ҳаҷми умуми моеъҳои ифлосро, ки ба маркази тозакунанда аз муштариён дар як сол ворид шудаас, нишон дода мешавад.

Агар дар ҳайати иншооти тозакунандаи канализатсия таҳнишин мавҷуд набошад ва танҳо ба воситаи панҷара ё тур оби ифлос гузаронида шавад, ин моеъ ба нишондиҳандаҳои «Гузаштани обҳои ифлос ба воситаи иншооти тозакунанда» ҳамроҳ карда намешавад. Аз миқдори умумии обҳои ифлоси тоза кардашуда додани обҳои ифлос ба тасфиякунандаи пурраи биологӣ (физикӣ-кимёвӣ) (сатри 10), аз вай дар сатри 11 тозакунӣ ҷудо карда мешавад.

Дар сатри 12 миқдори обҳои ифлос, ки ба иншооти тозакунандаи дигар канализатсия додашуда инъикос карда мешавад.

Шабакаҳои ҷудогонаи канализатсионӣ тамоми миқдори обҳои ифлоси гузаронидашуда ва ба иншооти тозакунандаи канализатсияҳо додаро дар сори 12 нишон медиҳанд. Шабакаҳои ҷудогонаи канализатсия сатри 09-ро пур намекунанд.

2.8. Дар сатрҳои 13 ва 14 даромадҳо аз истифодабарии канализатсия дар як сол нишон дода мешаванд. Маблағи умумии даромад даромади нақдро барои гузаронидани обҳои ифлос, ки муштариён дар як сол аз рӯи тарифҳои амалкунанда барои категорияҳои гуногун истифода барандаҳои хизмати канализатсия гузаронидаанд, дар бар мегирад.

Даромадҳо дар асоси ҳисобҳои пешниҳодкардаи муштариён барои гузаронидани обҳои ифлос муайян карда мешаванд.

Аз маблағи умумии даромадҳо аз он ҷумла даромадҳое, ки аз аҳолӣ (сатри 14) гирифта шудаанд, ба онҷо даромади нақди бевосита аз аҳолӣ воридшуда, инчунин маблағе, ки аз раёсатҳои идораҳои хонаҳо (манзилю коммуналӣ) аз рӯи пардохтҳои аҳолӣ барои хизмати канализатсия ворид шудаанд, ҷудо карда мешаванд.

2.9. Дар сатри 15 хароҷот оид ба гузаронидани обҳои ифлос дар як сол нишон дода мешавад. Хароҷот оид ба партофтани обҳои ифлос ҳамаи масрафи арзиши аслиро дар бар мегиранд.

2.10. Даромаду хароҷоти канализатсия дар ҳисоботи омори аз рӯи маълумотҳои ҳисоби муҳосибавӣ инъикос карда мешаванд.

2.11. Дар сатри 16 шумораи ҳамаи кормандони фаъолияти асосӣ дар охири сол нишон дода мешавад. Ба шумораи кормандони фаъолияти асосӣ ҳамаи кормандони дар рӯйхатбуда, ки дар чараёнҳои истеҳсолӣ оид ба гузаронидан, кашидан ва тоза кардани обҳои ифлос машғуланд, яъне кормандони шабакаи канализатсия, насосҳои обкашӣ ва иншооти тозакунанда ҳамроҳ карда мешаванд.

Канализатсияҳо чун қоида, ба қубури обгузар дар як хоҷагӣ муттаҳид карда шудаанд. Бинобар ин, дар ин нишондиҳандаҳо ҳамаи кормандони истеҳсолӣ инъикос карда мешаванд, масалан, кормандони бевосита хизматрасониҳои канализатсия, инчунин як қисми кормандони истеҳсолотӣ

ёрирасону кӯмакӣ ва кормандони баҳрабардории умумӣ, ки ба таври баробар ба шумораи кормандони истеҳсолӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Мисол. Дар трести «Водоканализатсия» дар охири соли ҳисобот 380 нафар корманд ба қайд гирифта шудааст.

Аз онҳо: бевосита тамоми хизмати қубурҳои обгузарро 300 нафар кормандон хизмат мерасонанд, бевосита ҳамаи хизмати канализатсияро 50 нафар хизмат мерасонанд; кормандони истифодабарандаҳои умумӣ ва хизматгузарони ёвар 30 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар ин ҳолат оид ба қубури обгузар дар нишондиҳандаҳои «Шумораи ҳамаи кормандони фаъолияти асосӣ» бояд 326 нафар корманд аз ҳисоби 30 нишон дода шавад.

Дар ҳисобот оид ба канализатсия бояд 54 нафар аз ҳисобти 50 нишон дода шавад.

2.12. Корхонаҳое, ки шабакаи алоҳидаи канализатсия доранд, ҳамчунин аз рӯи шакли №1-канализатсия ҳисобот медиҳанд, вале танҳо он нишондиҳандаҳоеро пур мекунанд, ки ба онҳо тааллуқ доранд.